«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор
____________ Назарзода Х.Х.
«13» майи 2024с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба рисолаи номзадии Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи метрология)**

Диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар асоси амалӣ намудани нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ ва кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия 1 нафар доктори илм, 11 нафар номзади илм, 4 нафар муаллими калон ва 2 нафар ассистент дар маҷмуъ 18 нафар аъзоёни кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбат худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих Мақсадов Ҳ.И. омода гардид, иброз менамояд, ки диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи муҳим навишта шуда, аҳамияти назариявию амалии илмӣ дорад.

Пеш аз ҳама, қайд бояд кард, ки мавзуи интихобнамудаи Кабиров Фирдавс Одилшоевич ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи илми тоҷик ихтисос дода шуда, хеле мубрам ва ҷолиб мебошад. Ба андешаи муаллиф таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик дар давраҳои охири асри XIX ва аввали асри XXI бевосита бо таърихи давлатдорӣ алоқаманд буда, давлат тавассути сохтори ин соҳа фаъолияти дурусти иқтисодиётро таъмин мекунад. Дар давоми таърихи худ инсоният садҳо намуди ченакҳо ва стандартҳоро таъсис дод ва ин раванд то имрӯз дар тамоми зинаҳои инкишофи ҷомеа арзи рушд дорад. Вобаста ба ин, муҳаққиқон низ дар ҳар давра ба таҳқиқи ин соҳа

рӯй меоранд, то ки бо мурури замон таърихи онро барои наслҳои оянда нигаҳ доранд.

Аз ин лиҳоз, омӯзишу пажӯҳиши мавзуи мазкур аз як тараф, ба саҳифаҳои таърихи илми тоҷик равшани андохта, аз ҷониби дигар, дар дастраси хонандаи тоҷик қарор додани корномаи бузургони риштаҳои гуногуни илми тоҷик ва муаррифии он ба имрӯзиён дар тафаккури насли ҷавони худогоҳу илмдӯсти тоҷик ҳисси ифтихору худшиносию худогоҳиро бедор мекунад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар омӯзишу пажӯҳиши мавзуи зикршуда дар радифи осори донишмандони асрҳои XIX ва аввали асри XXI-и халқи тоҷик ба ҳайси сарчашма, ҳамзамон аз таълифоти илмии муҳаққиқони тоҷик, рус ва шуравӣ ба таври васеъ истифода намудааст. Дар пажӯҳиш оид ба мавзуи мазкур дар баробари корҳои илмии муҳаққиқони соҳа, маводи бойгонӣ васеъ истифода гардидааст. Аз он ҷумла, барои муайян кардани рушди соҳаи метрология ва стандарткунонӣ аз маҷаллаи илмӣ-истеҳсолии Агентии «Тоҷикстандарт» – «Стандарт ва сифат», сарчашмаҳои Интернетӣ ва нашрияҳои даврӣ истифода шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** ҷамъоварии мавод ва сарчашмаҳои таърихӣ, таҳлил ва дар асоси онҳо ба тартиб даровардани таърихи созмонҳои таъминоти метрология ва стандарткунонии халқи тоҷик мебошад.

**Объекти асосии пажӯҳиши мазкур** таърихи инкишофи соҳаи метрология ва стандарткунонии ватанӣ, рушди системаи ченакҳо, стандартҳо ва таъсиру нақши онҳо дар таърихи замони шуравӣ ва Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба таври ҷомеъ рушди таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик аз охири асри XIX то ибтидои асри XXI мавриди баррасию таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамзамон унсурҳои зерини кори илмӣ ҷанбаи навгонӣ доранд:

- бори аввал дар доираи илми таърих таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии тоҷикон (охири асри XIX – аввали асри XXI) мавриди таҳлил қарор гирифта, саҳми муҳаққиқони соҳаи таърих ва дигар соҳаҳои илм дар омӯзишу фаъолияти ин сохтор дар шакли хронологӣ таҳлил гардидааст;
- сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи таъсисёбӣ ва фаъолияти соҳаи стандарткунонӣ дар даврҳои мухталифи рушди ҷомеа дар доираи замон ва макон мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд;

- бори нахуст низоми назорати соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ба муҳокима гузошта шуда, нақши ин соҳа дар танзими муносибатҳои иқтисодии ҷомеа инъикос гардидааст;

- вобаста ба муайян кардани санадҳои таърихии оғози фаъолияти низоми муштараки стандарткунонӣ, маълумоти тоза доир ба таъсисёбии соҳаи метрология ва стандарткунонӣ аз давраи Аморати Бухоро то Давраи Шуравӣ ҷамъоварӣ гардиданд;

- таҳлили таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии тоҷик (охири асри XIX – ибтидои асри XXI), имконият фароҳам овард, ки бори аввал аз нуқтаи назари илмӣ равандҳои инкишофи соҳа ба таври густурда омӯхта шуда, дар асоси ин таҳлилҳо стратегияи дурнамои соҳа муайян карда шавад;

- саҳми соҳаи метрология ва стандарткунонӣ, нақши сохтори Агентии «Тоҷикстандарт» дар таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст;

- фаъолияти байналмилалии соҳаи стандарткунонӣ баррасӣ гардид, ки ин раванд қаблан аз тарафи муҳаққиқони соҳаи таърих мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст;

- дар давоми таҳлилҳои фаъолияти соҳаи метрология ва стандарткунонӣ омӯзиши системаноки ин соҳа ба роҳ монда шуд, ки барои таҳқиқоти минбаъда роҳ ва усулҳои пажӯҳиширо таъмин мекунад;

- бори аввал таъсири фаъолияти соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ инъикос ёфтааст;

- натиҷаҳои дар рисола овардашуда имкон медиҳанд, ки системаи мукаммали методологии омӯзиши соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ба роҳ монда шавад;

- тамоми маводи илмӣ-таҳқиқотӣ, маъмурӣ ва таҷрибавӣ системанок таҳлил гардида, дар асоси методи эмпирикӣ дар шакли кори мукаммали илмӣ ҷамъоварӣ гардидаанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, номгӯйи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот муайян шуда, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмию аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва сохтори диссертатсия баён шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Таърихи бунёди созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – соли 1991» аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал – «Таърихи метрология ва стандарткунонии халқи тоҷик дар ҳайати Аморати Бухоро» – шарҳи мухтасари таърихи метрологияи тоҷик дар давраи Аморати Бухоро сухан меравад. Яке аз сарчашмаҳои асосии ин давра, ки дар он маълумот оид ба ченакҳои тоҷикӣ омадааст, рисолаи «Маҷмаъ-ул-арқом»-и Мирзо Бадеи Девон аст.

Муҳаққиқ дар рафти таҳқиқот муайян кардааст, дар Аморати Бухоро масоҳати заминро бо се тарз чен мекарданд: аввал бо қадам, дувум бо таноб ва савум бо ҳисоби тухмие, ки ба ин замин кишт карда мешуд. Ченаки масоҳати замин – таноб, ки дар Бухоро ва Бухорои Шарқӣ маъмул буд, дар Помири Ғарбӣ истифода намешуд. Дар ин хусус муҳаққиқ И. Муҳиддинов менависад, ки заминро дар Ишкошиму Вахон дар ду шакл чен мекарданд: дар шакли «қитъа» ва «пор». Заминҳоро қитъа гуфта ҳисоб мекарданд, зеро замин хеле хурд ва дар нишебиҳо ҷойгир буд. Агар замин дар ҳамворӣ ҷойгир бошад, онро бо шумораи гандуми мекоридагӣ ҳисоб мекарданд. Яъне як пор гандум баробар ба 3-12 тоқӣ ё 12-14 кг буд. М.С. Андреев қайд мекунад, ки дар Помири Ғарбӣ низ масоҳати заминро аз рӯи ҳаҷми тухмии он муайян мекарданд. Дар заминҳои масоҳаташон калон 96 кг (амбун) тухмӣ мекоштанд ва замини аз ҳама хурд 2 кг (тоқӣ) тухмӣ талаб мекард.

Дар зербоби дуюми боби аввал, ки – «Таъсисёбии низоми муштараки стандарткунонӣ дар ИҶШС» – зикр шудааст, ки пас аз барқароршавии Ҳокимияти шуравӣ як қатор қарорҳо дар бораи системаи ҳаҷм ва вазн ба тасвиб расиданд. Аз ҷумла, 14 сентябри соли 1918 ШКХ ҶШФСР декрет «Дар бораи ҷорӣ кардани системаи байналмилалии метрология»-ро қабул кард. Бо гузаштан ба ин система дар таърихи метрология давраи нав оғоз гардид. Дар натиҷаи ин ислоҳот ченакҳои куҳнаи замони подшоҳӣ ба монанди ченакҳои қадимаи русӣ, дюйми англисӣ бояд бо як ченаки алоҳида – метр иваз мешуданд.

Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия – «Бунёд ва рушди хадамоти метрология ва стандарткунонии ҶШС Тоҷикистон» – таърихи таъсис ва рушди соҳаи метрология ва стандарткунонии тоҷик дар замони шуравӣ таҳқиқ шудааст. Дар ин давра стандарткунонии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ инкишоф ёфта, ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик гардид. Соли 1926 карори Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон «Дар бораи дар шаҳри Душанбе ташкил намудани шуъбаи муваққатии санҷишгузаронии метрологии палатаи ченак ва вазни шаҳри Тошканд» баромад ва дар

асоси он Палатаи ченаку вазн ташкил гардид. Моҳи октябри соли 1929 бо қарори Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон хадамоти мустақили давлатии метрологӣ – Палатаи андоза ва ченакҳо ташкил карда шуд, ки ин санаро метавон таърихи ташкили «Тоҷикстандарт» ҳисобид.

Боби дуюми диссертатсия – «Рушди соҳаи метрология ва стандарткунонии Тоҷикистони соҳибистиқлол» аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал – «Нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаи метрология ва стандарткунонӣ» – унвонҷӯ менависад, ки пас аз пошхӯрии ИҶШС, декабри соли 1991, бо Қарори Шурои Вазирони Тоҷикистон шуъбаи ҷумҳуриявии стандарткунонӣ ташкил шуд, ки ба зиммаи он вазифаҳо оид ба стандартонӣ, назорати риояи ченаки ягона, таъмини фаъолияти сертификаткунонии истеҳсолот ва тиҷорат, назорати давлатӣ аз болои риоя намудани иҷроиши стандартҳо ва воситаҳои ченкунӣ гузошта шуд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – «Хусусиятҳои таърихии рушди ҳамкориҳои байналмилалии Агентии «Тоҷикстандарт» дар соҳаи метрология ва стандарткунонӣ» – муаллиф ба хулоса меояд, ки вобаста ба самту равияҳои корӣ дар замони Истиқлолият Агентии «Тоҷикстандарт»-ро зарур омад, ки ҳамкориҳои худро дар тавозуни доимӣ бо сохторҳои стандарти байналмилалӣ мувофиқ созад.

Агентии «Тоҷикстандарт» ҳамчун мақоми миллӣ оид ба стандарткунонӣ, метрология ва баҳодиҳии мутобиқат дар созмонҳои байналхалқӣ ИСО, СУС, Комиссияи кодекси алиментариус, минтақавӣ EASC, RSO, COOMET, IAF ва дигарон Тоҷикистонро муаррифӣ намуда, аъзои 7 кумитаи ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба стандарткунонӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 аъзои Комиссияи иқтисодии Аврупоии Созмони Милали Муттаҳид (UNECE) маҳсуб меёбад ва стандартҳои он барои меваю сабзавоти тару тоза ва маҳсулоти хушки онҳо дар савдои байналмилалии байни давлатҳои аъзо татбиқ карда мешаванд.

Зербоби сеюми боби дуюм – «Рушди таъминоти метрологии воситаҳои андозагирӣ, сертификатсия ва нозироти савдои Агентии «Тоҷикстандарт» – дар он зикр шудааст, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таъмини риояи ченакҳо ва андозаҳои ягона дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯи кор омад. Бо ҳамин мақсад, соли 1992 дар Агентии «Тоҷикстандарт» Раёсати назорати давлатӣ оид ба риояи таъминоти метрологии истеҳсолот ва тафтишоти воситаҳои ченак

таъсис дода шуд ва 15-уми майи соли 1992, тахти № 435, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» қабул гардид.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошад.

Ҳамин тавр, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методӣ хислати навгонӣ доранд.

Хулосаҳои мухтасари диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро инъикос кардаанд.

Диссертант оид ба мавзуи диссертатсияи худ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар нашрияҳо чоп намудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсону норасой ба назар мерасанд, ки инҳо мебошад.

1. Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия, ки ба таърихи бунёди созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик охири асри XIX бахшида шудааст, мебоист муфассалтар таҳқиқ мегардид.

2. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия, ки ба хусусиятҳои таърихии рушди ҳамкориҳои байналмилалии Агентии «Тоҷикстандарт» дар соҳаи метрология ва стандарткунонӣ бахшида шудааст боз ҳам таҳқиқ карда мешуд, ба манфиати кор мешуд.

3. Дар зербоби сеюми боби дуюм, ки рушди таъминоти метрологии воситаҳои андозагирӣ, сертификатсия ва нозироти савдои Агентии «Тоҷикстандарт» номгузорӣ шудааст, маълумоти бештар оид ба марказҳои митақавии «Тоҷикстандарт» дода мешуд, хело хуб буд.

4. Дар матни дисертатсия ва автореферат камбудиҳои техникию имлой низ ба назар мерасанд.

Аммо, эродҳои овардашуда қимати илмии диссертатсия кам намегардонанд, онҳо осон ислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад пеш аз ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро ба назар гирифта, ислоҳ намояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он – Кабиров Фирдавс Одилшоевич сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи метрология) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи якҷояи кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ ва кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи 10 – уми апрели соли 2024 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» – 18 нафар; «муқобил» – нест; «бетараф» – нест; (Суратмаҷлиси кафедра № 6 аз 11.05.2024 соли 2024).

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи математикаи олӣ
ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон н.и.ф-м. Паҳлавонов Қ.Қ.

Эксперт:
Номзади илмҳои таърихи кафедраи математикаи
олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мақсадов Ҳ.И.

Котиби ҷаласа, н.и.ф-м., дотсент Файзмамадова Л.Г.

Имзоҳои Қ.Қ. Паҳлавонов, Х.И. Мақсадов,
Л.Г. Файзмамадоваро
тасдиқ мекунам:
Сардори шубаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.
Тел.: +992(37) 234 -83-46
Факс: +992(37) 234-58-46
E-mail: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru

13.05.2024